**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Шароити имрӯзаи рушди босуръати техника ва технология, зуҳури илм, тағйирпазирии талаботи бозори меҳнат, пайдоиш ва инкишофи зеҳни сунъӣ, рақамикунонии соҳаҳои гуногуни саноати кишвар, илму маориф тақозо менамояд, ки мутахассисоне омода шаванд, ки қобилияти тафаккури эҷодӣ ва ғайримуқаррарӣ дошта бошанд.

Таҳсилоти муосири кишварамон дар марҳилаи таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар назди муассисаи таҳсилоти умумӣ ва ба омӯзгорон барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф вазифаҳои басо пурмасъулият гузошта мешавад.

Қобили зикр мебошад, ки ташаккули малакаю маҳорат, аз қабили эҷодкорӣ, тафаккури таҳлилӣ ва қобилияти мустақилона ҳал намудани мисолу масъалаҳо яке аз вазифаҳои асосии низоми таълимӣ математикаи муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба шумор меравад. Математика, ҳамчун илми пешқадам барои рушд ва ташаккули тафаккур замина мегузорад, бинобар ин, он бояд дар сатҳи баланд омӯзонида шавад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии** унвонҷӯ Буриев Бахтиёр Болтаевич бо он зоҳир мегардад, ки он бо вазифаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 мутобиқ мебошад, аз ҷумла татбиқи амалии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» мувофиқ мебошад.

Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти чандинсолаи илмии худ аз рӯйи мавзуи илмии «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» унвонҷуй Буриев Б. Б. ба хулосае омадааст, ки яке аз роҳҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавассути мероси пурғановати илмии математикаи асримиёнагии Шарқ мебошад. Зеро, саҳми назарраси олимони математикаи асримиёнагии Шарқ, ба монанди Алхоразмӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Баҳоваддин Омулӣ, Умари Хайём, Насируддини Тӯсӣ, Қозизодаи Румӣ, Муҳаммад Наҷмиддинхон, Алкошӣ, Алии Қушчӣ ва дигарон дар рушди илмҳои математика, геометрия, арифметика, тригонометрия, астрономия ва дигар фанҳо дар таърихи илми нақши муҳим касб мекунад. Онҳо натанҳо асарҳои муаллифони пешинаро омӯхтанд, балки ба забонҳои дигар низ тарҷума кардаанд.

Яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика истифодаи маводи таърихӣ мебошад. Дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ва беруназсинфии математика дохил кардани маводи таърихӣ ба рушди таваҷҷӯҳи маърифатӣ ба математика, ташаккули заминаҳои ҷаҳонбинии илмӣ, таъмини. азхудкунии пурраи истилоҳоти математикӣ, муносибати арзишӣ ба

донишҳои математикӣ, тарбияи ахлоқӣ-ватанпарварӣ ва ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Дарсҳои бо истифода аз маводи таърихӣ хонандагонро бо сатҳҳои гуногуни таваҷҷӯҳи маърифатӣ ҷалб мекунанд, ки ин ба раванди таълим таъсири мусбат мерасонад.

Муқаррароти асосии рисолаи диссертатсионӣ дар маводи нашрияҳои муаллиф дар шакли 34 интишорот, аз ҷумла мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, аз ҷумла: Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумлаи онҳо, 7 мақола дар нашрияҳои сабти КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмии автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Буриев Бахтиёр Болтаевич баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ дида мешавад, ки онҳо асосан, ҷумлабандиҳо носаҳеҳ, камбудиҳои имлоӣ ва ғалатҳои техникӣ мебошанд. Ҷой доштани чунин камбудиҳои ҷузъӣ ва баёни онҳо ҳеҷ гоҳ арзиши таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд, баръакс барои такмили мазмуну мундариҷаи он фойдаовар мебошад.

Хулоса, тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.


Муқарриз,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи забони русии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон: Наврузова Гулшан Турсуновна

*Маълумот барои тамос: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, Тел.: + 992900900978*
*Почтаи электронӣ: navruzova72@ mail.ru*


14.08.2025

*"Имзои Наврузова Гулшан Турсуновнаро тасдиқ менамоям"*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон: Мирҷамолов М.